**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KAO-026-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Ҳасанов Шарифхуҷа Қозиевич дар мавзӯи «Омилҳои сиёсиву ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ» (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст.

Дар шароити бархурду гуфтугӯи тамаддунҳо, ки рӯз аз рӯз вобастагии иқтисодиву сиёсии давлатҳоро дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ба бор оварда истодааст, Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ бе тафовут намегузорад. Яъне ин бархурдҳо хоҳу ноҳоҳ ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мо таъсири манфии худро мегузоранд.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ дар шароити имрӯза як қатор мушкилоти сатҳи ҷаҳониро, аз қабили терроризму экстремизм, афюнзадагӣ, майзадагӣ, гуруснагиву қаҳтӣ, бемориҳои сироятӣ, бадахлоқӣ, ришваситонӣ ва амсоли инҳоро ба бор овардааст.

Дар миёни ин падидаҳои таҳдидкунанда ба амнияти давлатҳо коррупсия яке аз зуҳороте мебошад, ки пояҳои истиқлолияти давлатро хароб намуда, амнияти ҷомеаро ба бод медиҳад, истиқрори ҷомеаро халалдор намуда, адолати иҷтимоиро аз байн мебарад. Дар натиҷа боварии мардум нисбат ба давлату ҳукумат, сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ коҳиш меёбад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ ва ба вуҷуд омадани иқтисоди бозоргониву табдил ёфтани моликияти давлатӣ ба моликияти хусусӣ (дар бисёр ҳолатҳо) барои рушди коррупсия дар кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст, ки дар натиҷа истиқлолияти иқтисодиву давлатиро зери хатар мегузорад.

Муаллифи автореферат Ҳасанов Шарифхӯҷа Қозиевич фишурдаи диссертатсияи доктории худро дар мавзӯи «Омилҳои сиёсиву ҳуқуқии

муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ» дар ҳаҷми 109 саҳифа (бо ду забон) таҳия намуда, яке аз падидаҳои хатарафкани замони муосирро мушикофона баррасӣ кардааст ва бовар дорем, ки мавзӯи мазкур дар илми сиёсатшиносии тоҷик саҳифаи нав кушода, барои коҳиш ёфтани амалҳои коррупсионӣ мусоидат мекунад.

Дар қисмати муқадимавии автореферат чун анъана муаллиф муҳимияти мавзӯи таҳқиқшаванда, сатҳи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар масоили мавриди таҳқиқро хотирнишон кардааст.

Ҳамзамон дар автореферати диссертатсия муаллиф доир ба бобҳои рисола ва зербобҳои он маълумоти мухтасарро пешниҳод намудааст, ки мо аз тариқи он ба диссертатсия шинос шуда, маълумоти мухтасари зарурӣ гирифта метавонем.

Муаллиф дар боби аввали диссертатсия, ки “Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи назарияи коррупсия” ном дорад ва он аз се зербоб ва хулосаҳо иборат аст. Дар зербоби якуми боби аввал доир ба “Асосҳои назариявии таҳқиқи коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ” муаллиф маълумоти асоснокшудаи илмиро гирдоварӣ намуда, дар ин қисмати кор ба ҳадафи гузошташудаи худ ноил шудааст. Муҳаққиқи ҷавон ба масоили фавқуззикр ба ҷанбаъҳои назариявии коррупсия жарфтар диққат дода, мушикофона ин масоилро баррасӣ намудааст.

Дар зербоби дуюми боби якум муаллиф ба “Ҷанбаъҳои методологии назарияи коррупсия” дахл намуда, аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ ва илмиву оммавӣ истифодаи фаровон намуда, методологияи омӯзиши коррупсия ва роҳҳои муқовимат бо онро дар сатҳҳои гуногуни сохторҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва умуман, мафкураи аҳолӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ҳамзамон ӯ оид ба роҳҳои мубориза бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ фикру андешаҳои ҷолиб пешниҳод намуда, қайд мекунад, ки яке аз роҳҳои мубориза бо ин вобои аср ин рушди устувори иқтисодиёт, боло бурдани сатҳи хуби зиндагонии мардум, ташаккули тафаккури ҳуқуқиву зиддикоррупсионӣ мебошад.

Муаллиф дар фасли сеюми боби якум доир ба "Сабабҳои пайдоиш ва рушди коррупсия ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ" маълумоти муфассали асоснокшудаи илмиро пешниҳод кардааст. Дар ин қисмати рисола муаллиф доир ба пайдоиши коррупсия, омилҳои рӯ овардан ба коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ маълумоти пурра додааст. Муаллиф дар бавуҷудоии коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ як қатор авомилро ҳамчун омилҳои заминавӣ пешниҳод намудааст. Аз қабили кам будани маоши кормандони соҳаҳои буҷетӣ, иқтисодиёти футуррафта, бесуботии сиёсӣ, номукаммалии қонунгузорӣ, ба таври бояду шояд фаъолият накардани ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, заъфи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, набудани анъанаҳои устувори демократӣ ва амсоли инҳоро сабабҳои пайдоиши коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ мешуморад. Илова бар ин муаллиф дар ин қисмати кор як қатор омилҳои сар задани коррупсияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлолӣ махсус қайд мекунад. Чунончи: фурӯпошии ИҶШС ва эъломи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон; густариши буҳрони амиқи иқтисодию иҷтимоӣ ва махсусан, ахлоқӣ дар кишвар; афзудани нақши ҷангсолорон ва фармондеҳони саҳроӣ дар кишвари ҷангзада; ҳолатҳои қонуншиканӣ дар раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ; равобити носолим миёни хизматчиёни давлатӣ ва соҳибкорон; ташаккули элитаи олигархии чашмгурусна дар кишвар.

Дар зербоби чоруми боби аввал доир ба "Таҳлили таърихӣ-генетикии рушди коррупсия" сухан дар миён меравад, ки дар ин қисмати кор муаллиф мафҳуми коррупсияро ҳаматарафа таҳлил намуда, моҳияти онро илман шарҳ додааст. Ҳамзамон коррупсияро дар мароҳили таърихӣ дар кишварҳо ва ҷомеаҳои гуногун мавриди пажуҳиш қарор дода, марҳилаҳои инкишофи ҷомеаҳо ва роҳҳу воситаҳои рушди ин амали даҳшатафканро махсус таъкид намудааст.

Боби дуюми кор "Дурнамо, самтҳо ва усули сиёсати зиддикоррупсионӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ" номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат мебошад.

Муаллиф дар зербоби якуми он, ки "Сиёсат, усул ва самтҳои асосии муқовимат бо коррупсия" номгузорӣ шудааст, амалишавии сиёсати зиддикоррупсионӣ, усул ва самтҳои асосии муқовимат бо коррупсияро матраҳ намудааст. Дар ин қисмат сиёсати зиддикорупсионӣ ва роҳу воситаҳои

амалигардонии онро дар дар сатҳои гуногуни сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин самтҳои асосии муқовимат бо коррупсия ва амалҳои коррупсиониро таҳқиқ намуда, муаллиф як чанд роҳу воситаҳои муқовимат бо коррупсияро дар диссертатсия пешниҳод кардааст.

Зербоби дуюми боби дуюм, ки "Шаклҳои асосии зуҳури коррупсия ва омилҳои муқовимат бо он дар Тоҷикистони муосир" номгузорӣ шудааст, муаллифи рисола роҳу воситаҳои муосири бавуҷудоии коррупсия ва амалҳои коррупсиониро дар миёни ақшори гуногуни ҷомеа дар шароити имрӯза баррасӣ кардааст. Ҳамзамон ӯ роҳҳои мубориза бо ин падидаи номатлубро дар шароити ҷадиди ҷомеаи Тоҷикистонӣ нишон дода, таҷрибаи як силсила давлатҳоро манзур намудааст.

Муаллиф боби сеюми рисоларо ба "Муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ" бахшидааст, ки аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин қисмати кор муаллиф роҳҳо ва воситаҳои муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатиро таҳқиқ намуда, аз адабиёту сарчашмаҳои муътамади илмӣ ва таҷрибаи бойи давлатҳои пешрафта самаранок истифода бурдааст. Ӯ дар ин боб вобаста ба сатҳи ҷаҳонбинӣ ва дониши сиёсиву ҳуқуқии аҳолии кишвар роҳҳо ва воситаҳои бартараф намудани онро дар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ нишон медиҳад.

Зербоби якуми боби сеюм "Таҷрибаи ҷаҳонии муқовимат бо коррупсия" номгузорӣ шуда, дар ин қисмати кор муаллиф дар бораи муқовимат бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ сухан ронда, аз таҷрибаи давлатҳои ИМА, Канада, Англия, Фаронса, Олмон, Голандия, Финландия, Япония, Корея ва Сингапур фаровон истифода карда, роҳҳои самараноки муқовимат бо онро дар кор дарҷ намудааст. Ҳамзамон аз таҷрибаи давлатҳои болозикр ёдовар шуда, муаллиф қайд мекунад, ки барои коҳиш додани коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ дар кишвар, пеш аз ҳама, онро дар сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ аз байн бурд. Муаллиф қайд мекунад, ки дар сатҳи хизматчиёни давлатӣ ва сохторҳои ҳокимияти давлатӣ рушд ёфтани коррупсия муҷиби дар сатҳои поёнӣ густариш ёфтани коррупсия гардидааст.

Дар фасли дуюми боби сеюм, ки “Омилҳои муқовимат бо коррупсия ва таъмини шафофияти фаъолияти мақомоти назораткунанда дар ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” номгузорӣ шудааст, муаллиф як қатор омилҳои муқовимат бо коррупсия ва таъмин намудани шаффофияти кор дар идораи давлатӣ ва низоми идоракунандаи кишварро баррасӣ намудааст. Дар ҳамин қисмат талошҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар роҳи мубориза бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ махсус таъкид шуда, муаллиф коррупсияро падидаи манфур номида, пешгирии онро аз ҷониби ниҳодҳои дахлдор саривақтӣ меҳисобад.

Муаллифи рисола боби чорумро “Роҳҳои баланд бардоштани нақши ниҳодҳои давлатӣ ва сиёсию ҷамъиятӣ дар мубориза бар зидди коррупсия” номгузорӣ кардааст, ки он аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум – “Баланд бардоштани нақши ниҳодҳои идоракунии давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бар зидди коррупсия” муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки нақш ва мақоми ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро ҷиҳати амалӣ намудани аҳдофи давлатӣ дар мубориза бо коррупсия ва амалҳои коррупсиониро дар кишвар мушикофона баррасӣ намояд.

Дар зербоби дуюми боби чорум, ки “Ҷойгоҳи давлати иҷтимоӣ дар мубориза бо коррупсия ва такмили тадбирҳои идораи сиёсӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ” номгузорӣ шудааст, муаллифи рисола иброз медорад, ки айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати иҷтимоиро пеша карда, барои ба кишвари мутамаддин табдил ёфтан ҳадафмандона қадам мегузорад. Дар ин раванд зарур аст, ки дар тақсимоти неъматҳо ва сарватҳои табиӣ дар кишвар принсипи адолати иҷтимоӣ риоя гардад. Ба ақидаи муаллиф коррупсия дар ин самт метавонад монеаҳо ба вуҷуд орад.

Дар фасли сеюми боби чоруми рисоларо муаллиф “Бунёди давлати босамар ҳамчун марҳилаи нави ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ” ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар ин фасли диссертатсия муаллиф давлати тавоно ва босамарро кафили аз байн бурдани коррупсия донистааст.

Боиси зикр аст, ки мо ҳангоми омӯзиши автореферати диссертатсия ба яке аз падидаҳои манфур ва зиёновари иҷтимоӣ шинос шуда, дар таҳқиқи он бартариҳои

зиёдро ба мушоҳида гирифтем. Ҳамзамон, гуфтан мумкин аст, ки мавзӯи мазкур актуалӣ буда, дар илми сиёсатшиносии тоҷик якумин кори илмӣ-таҳқиқотии монографӣ ба ҳисоб меравад.

Бо мавҷудияти бартариҳои зиёд фишурдаи диссертатсия аз камбудиҳо низ орӣ намебошад:

1. *Хуб мешуд, диссертатсия дар асоси се боб таҳия мегардид ва боби дуюму сеюм муттаҳид мешуданд, зеро онҳо аз ду зерфасл иборатанд;*
2. *Камбудии дигар ба ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ рабт дорад.*

Ҳамин тариқ, мазмуну мундариҷаи автореферат пурра мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос намуда, мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Камбудиҳои ҷойдошта аҳамияти илмии рисоларо ба ҳеҷ ваҷҳ коста намегардонад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) мебошад.

**Мудири кафедраи назария ва таърихи**
**давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи миллии**
**Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Шарофзода Р.Ш.**

**Суроға: ш.Душанбе, 734025, хиёбони Рудакӣ 17.**
**Т.м.: (+992) 901000770**

**«Имзои Шарофзода Р.Ш.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

27.04.021